*Бадеъ ЖОЛА*

# МЕЛОДИ ҲАМОСӢ

Дарьёи тӯфонӣ шуд Эрон
Дарьёи исьён.
То бо наҳиби мавҷҳои оташу хун
Вайрон кунад буньёди бедоди куҳанро,
В-аз чанги ҷаллодон раҳо созад
Ватанро.

Рӯзи дигаргунии буньёдист имрӯз,
Фарьёдҳо — фарьёди озодист
имрӯз.

Машмор дигар куштагонро,
Он қаҳрамонони шаҳиди
ҷовидонро,

Хунрезии чингизии ҷаллоди
ғаддор

Кардаст Эронро азодор,
Аммо хато гуфтам азо
нест,

Ин рамзи сомонсози инсонҳои
осист.

Ҳангоми мелоди ҳамосист.
Ин муштҳои оҳанин аст,
Ин шӯълаҳои хашму кин аст,
Ин сурхии офоқи пеш аз
офтоб аст,

Ин инқилоб аст.
Ноқуси марги салтанат,
Овозаи ҷумҳурӣ аст ин
Оғози даврони навин
аст,
Ҷашни бузурги орзуҳост,
Фирӯзии пурифтихори
мардуми мост.

Ин навбаҳори хуррами
имрӯзу фардост.
Таърихи давронофарин
аст.
Ин лаҳзаҳои сарнавишти
ростин аст.